**ХУЛОСАИ**

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-082 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ар рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз руйи ихтисоси 07.00.02– Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

Парвандаи аттестатсионии №_________________

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 28.07.2025, № 2

**барои сазовор донистани Файззода Рамазон Хурсанд, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих.**

Диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд дар мавзуи «Фаъолияти кумита оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз (КБММКЗ)-и Раёсати КИМ ҶШС Тоҷикистон дар баланд бардоштани меҳнат ва маишати занон дар охири солҳои 20-ум ва ибтидои солҳои 30-юми асри ХХ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.02– Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-082-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» (воқеъ дар суроғаи 735140, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми декабри соли 2024, таҳти №443/шд) 16- уми майи соли 2025, суратмаҷлиси №2 ба ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Файззода Рамазон Хурсанд 21-уми апрели соли 1990 дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон таваллуд шудааст, миллаташ тоҷик мебошад. Ӯ солҳои 1997- 2006 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №46-и ноҳияи Данғара ва солҳои 2007 - 2009 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №49 -и ноҳияи Бохтар (ҳоло Кӯшониён) таҳсил намудааст. Номбурда соли 2010 ба Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз рӯйи ихтисоси Таърих. Ихтисоси иловагии ҳуқуқ дохил шуда, онро соли 2014 дар зиннаи бакалавр хатм намудааст. Номбурда солҳои 2014 - 2017 дар зинаи магистратура аз рӯйи ихтисоси таърих ва ҳуқуқ таҳсил намудааст. Фаъолияти кориашро аз соли 2017 дар кафедраи таърихи умумии факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав оғоз намуда, айни ҳол ба ҳайси омӯзгори кафедраи таърихи умумӣ фаъолият карда истодааст. Диссертатсия дар кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Алимов Давлаталӣ Халилович доктори илмҳои таърих, профессор.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Зикриёева Малика Файзиевна** – аъзои шуро, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ
2. **Ганҷакова Матлуба Ганҷаковна -** номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Муассисаи пешбар:** Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониш Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Тақризи муассисаи пешбар Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Акдемияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд дар мавзуи «Фаъолияти кумита оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз (КБММКЗ)-и Раёсати КИМ ҶШС Тоҷикистон дар баланд бардоштани меҳнат ва маишати занон дар охири солҳои 20-ум ва ибтидои солҳои 30-юми асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.02– Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) бо имзоҳои раиси ҷаласа, доктори илмҳои таърих, дотсент, мудири шуъбаи таърихи навтарини, Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Акдемияи миллии илмҳои Тоҷикистон Абдурашидов Ф.М., ташхисгар, доктори илмҳои таърих, профессор сарходими илмии шуъбаи таърихи навтарини, Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Акдемияи миллии илмҳои Тоҷикистон Абулҳаев Р., ва котиби ҷаласа – Раҷабова Умеда бо суратҷаласаи №11, аз 30 июни соли 2025 таҳия шуда, аз ҷониби директори муассиса Муродзода Аҳмадхон Амрохон аз 2 июли 2025 тасдиқ карда шудааст, имзо гузоштаанд.

Мазмуни тақриз мусбат мебошад. Дар он мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба соҳаи илми эълоншуда, саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ, навгонии илмии диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он, инчунин мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ зикр гардидааст. Муассисаи пешбар қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии **Файззода Рамазон Хурсанд** дар мавзуи **«Фаъолияти кумита оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз (КБММКЗ)-и Раёсати КИМ ҶШС Тоҷикистон дар баланд бардоштани меҳнат ва маишати занон дар охири солҳои 20-ум ва ибтидои солҳои 30-юми асри XX»** ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, №295) ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, дар

маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.02– Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) сазовор мебошад.

Файззода Рамазон Хурсанд муаллифи 7 интишорот, аз ҷумла 4 мақолаи тақризшаванда оид ба мавзуи мавриди таҳқиқ буда, дар конференсияҳои илмию назариявии ҷумҳуриявию байналмилалӣ ширкат ва суханронӣ намудааст.

1. Советский опыт привлечения женщин конце 20-Х - начале 30-Х годов ХХ века к производству века /**Файззода Р.Х., Алимов Д.Х.,** //Вестник Таджикского национального университета. Серия общественных наук. – №11.ЧАСТЬ II. Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума. – ISSN 2074-1847, 2023 – С.34-39.
2. Деятельность комиссии по труду и жизненному благосостоянию женщин в Таджикистане /**Файззода Р.Х.,**// Вестник Таджикского национального университета. Серия общественных наук. – №12.ЧАСТЬ I. Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума. – ISSN 2074-1847, 2023 – С.58-64.
3. Нақши кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз дар омодасозии кадрҳо аз ҳисоби занон/**Файззода Р.Х.** // Вестник Таджикского национального университета. Серия общественных наук. – №12. ЧАСТЬ II. Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума. – ISSN 2074-1847, 2024 – С.69-74.
4. Нақши барпо кардани маъракаи 8-уми март дар фаъолгардонии ҳаёти ҷамъиятӣ сиёсӣ, иҷтимоӣ иқтисодӣ ва мадании занон /**Файззода Р.Х.** // Вестник Таджикского национального университета. Серия общественных наук. – №4. ЧАСТЬ II. Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума. – ISSN 2074-1847, 2025 – С.81-88.

Ба Шурои диссертатсионӣ 6D.КОА-082 аз номи шахсони зерин 3 тақризи ғайрирасмӣ ба автореферати **Файззода Рамазон Хурсанд** ворид шудаанд, ки дар онҳо дар хусуси мувофиқ будани диссертатсия ва автореферат ба талаботи муқараркардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арзанда будани муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.02– Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) сазовор мебошад.

1. **Акризоев Махсуд** –номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърих ва фалсафаи Донишгоҳи байналмилалии ва сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.

2. **Иззатов Умедҷон Хуршедович** – номзади илмҳои таърих, муаллими калони кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Тақриз мусбат арзёби мегардад.
3. **Мамадсалимов Насим Абдуллазизович** – номзади илмҳои таърих, и.в. дотсент, декани факултети таърих ва ҳуқуқи Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев". Тақриз мусбат мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295), интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи таърих буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ масъалаҳои зерин мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд:

- яке аз ташкилоти занон – Комиссия ва Комитет оид ба беҳдошти шароити меҳнат ва маишати меҳнаткашзанон ва коргарзанони Тоҷикистон омӯхта мешавад;
- таърихи раванд ва рушди КБММ-и ҷумҳурӣ мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст;
- фаъолияти серпаҳлӯи КБММ оид ба ҷалби занон ба тарзи фаъоли ҳаёт пайгири карда шудааст;
- ҳамкориҳои шохаҳои ҳокимият ва сохторҳои ҳокимият дар ҳалли масъалаҳои иқтидорӣ занон дар ҷомеа таҳлил гардидааст;
- самтҳои алоҳидаи фаъолияти КМБММ оид ба масъалаҳои иҷтимоии маишат ва меҳнати занон мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст;
- нақши занон дар сохторҳои иҷтимоии ҷомеа ошкор карда шудааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст:**

– муқаррарот ва хулосаҳои асосии таҳқиқотро ҳангоми таҳияи асарҳои махсуси бунёдӣ оид ба таърих ва таърихнигории таърихи халқи тоҷик метавон истифода намуд.

– тавсияҳои илмии дар диссертасия зикрёфтаро метавон барои хондани курсҳои махсус, лексияҳо барои донишҷӯёни муассисаҳои олии касбӣ истифода бурд.

– таҷрибаи таърихии Фаъолияти КБММ коргарзанон ва занони кишоварз дар соҳаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва дигар соҳаҳои ҷомеа метавонанд дар шароити муосир ҳангоми идоракунии сиёсати иҷтимоии давлатӣ истифода намоянд ва дар ташаккули мавқеи шаҳрвандии ҳамватанони мо истифода шаванд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дақиқияти маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот ба таҳқиқи диссертатсионии мазкур асос ёфтааст. Инчунин, хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлилҳои илмӣ–назарявӣ ва таҷрибавӣ мутобиқ бо натиҷагириҳои таҳқиқот манзур карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:** аз мустақилона таҳия намудани рисолаи диссертатсионӣ ва иштироки бевосита дар раванди ҳалли масъалаҳои таҳқиқот, таҳлилҳо, кор дар бойгонӣ, хулосабарорӣ, тавсияҳои методӣ ва навиштани мақолаҳои илмӣ иборат аст.

Натиҷаҳои илмие, ки муҳаққиқ дар раванди таҳияи рисолаи диссертатсионӣ ба даст овардааст, бо ҳам тавъам буда, дар конфронсҳои илмӣ-амалӣ бо маърӯзаҳо пешниҳод шудаанд. Натиҷаҳои ҳосилшуда фарогири фаъолияти кумита оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз мебошанд, ки муҳаққиқ дар раванди таҳлили он саҳми худро гузоштааст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионӣ аз санаи 28- уми июли соли 2025 оид ба сазовор донистани Файззода Рамазон Хурсанд бо дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 11 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар докторони илм - мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 11 нафар иштирокдоштагон дар ҷаласа, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор - 11 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ** **Қурбонов Б.Р.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ** **Ҷалилов М.Ш.**

"_28_"___07___2025
Ҷ.М.